# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Раҷабзода Маҳмадулло дар мавзуи **«Таҳқиқоти педагогӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳлили квалиметрии вазъ, мушкилот ва дурнамои рушд»,** ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот пешниҳод шудааст.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо сабаби мавҷуд будани норасоӣ ва камбудиҳо дар соҳаи маориф, ки дар натиҷаи таҳаввули ҷомеа ва гузариш ба низоми муосири таҳсилот сар задаанд, аз ҷониби Ҳукумати мамлакат ин соҳа ба сифати яке аз самтҳои афзалиятнок дар сиёсати давлатӣ қарор гирифта, барои ҳалли мушкилоти мавҷуда, чи аз нигоҳи сиёсию иқтисодӣ ва чи аз нигоҳи илмию иҷтимоӣ, тадбирҳои зарурӣ андешида шуда истодаанд. Яке аз тадбирҳои муҳим дар ин самт роҳандозии тақиқоти педагогӣ оид ба масъалаҳои мубрами усулҳои таълим ва болобарии сифати таҳсилот, низомҳои муосири тадрис ва таълим ба шумор меравад, ки дар он муҳаққиқони тамоми ниҳодҳои илмии педагогӣ ва муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбии дахлдор фаъолона ширкат меварзанд. Вобаста ба ин, дар назди илми педагогика вазифаи дигаре ба пеш меояд, ки тақозо менамояд, то таҳқиқоти роҳандозишуда на танҳо ҳамоҳанг сохта шаванд, балки сатҳи илмӣ ва сифати иҷрои онҳо низ мунтазам таҳти назорат қарор дода шавад.

Боиси хурсандист, ки масъалаҳои дар боло зикршуда аз ҷониби ниҳодҳои илмии педагогӣ ва муҳаққиқони алоҳида ба хубӣ дарк шуда, барои рафъи мушкилоти мавҷуда ва таҷдиду ислоҳоти низоми маориф китобҳои дарсии насли нав, монографияву мақолаҳо, диссертатсияву роҳнамоҳои методӣ таълиф шуда, ба нашр мерасанд. Аз ин дидгоҳ, диссертатсияи Раҷабзода Маҳмадуллоро низ дар мавзуи «Таҳқиқоти педагогӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳлили квалиметрии вазъ, мушкилот ва дурнамои рушд», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот пешниҳод шудааст, метавон як иқдоми саривақтӣ барои ҳалли мушкилоти болобарии сифати таҳқиқоти педагогӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баҳогузорӣ намуд.

Дар асоси автореферати диссертатсияи мазкур метавон қазоват намуд, ки он ба мавзуи мубрами соҳаи педагогика бахшида шудааст, зеро муаллиф ҳадаф гузоштааст, ки сатҳу сифати таҳқиқоти илмӣ-педагогии муҳаққиқони тоҷикро тавассути маҷмуи меъёру нишондиҳандаҳои квалиметрӣ дар даврони истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ намуда, роҳҳои бартараф намудани камбудиҳоро дар ин соҳа нишон

диҳад ва дурнамои рушди таҳқиқоти педагогиро дар кишвар то андозае, ки имкон дорад, муайян созад.

Дар қисмати муқаддимавии автореферати диссертатсия довталаб мубрамии мавзуи таҳқиқот, дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ ва робитаи корро бо барномаҳо, лоиҳаҳо ва мавзуъҳои илмӣ аз нигоҳи илмӣ асоснок намудааст. Дар қисмати тавсифи умумии таҳқиқот низ ба муаллиф муяссар гаштааст, ки мақсаду вазифаҳои таҳқиқот, объект, предмет ва фарзияи он, инчунин талаботи дигарро оид ба автореферати таҳқиқоти диссертатсионӣ ба таври мушаххас ва дақиқ дар он инъикос намояд.

Бояд таъкид намуд, ки аз автореферат маълум мегардад, ки диссертатсия аз муқаддима, чор боби матни асосӣ, хулоса бо натиҷагирии назариявӣ, тавсияҳои амалӣ оид ба истифодаи натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ ва таҳқиқи дурнамои мавзуъ иборат буда, бобҳо ва фаслҳои он бо пайдарҳамӣ ва алоқамандии ботинии мантиқӣ таълиф гардидаанд.

Дар боби якуми таҳқиқот, ки «Асосҳои назариявӣ-методологии таҳқиқоти педагогӣ ва арзёбии он» ном дорад, ба довталаб муяссар гаштааст, ки моҳияти таҳқиқоти педагогӣ, методология, методҳои муосир ва масъалаҳои мубрами онро бо такя ба таҳқиқоти муосир ва илман асоснок кушояд, хусусиятҳо ва аломатҳои асосии таҳқиқоти диссертатсиониро ҳамчун воситаи муҳимми рушди таҳқиқоти бунёдӣ ва амалии педагогӣ нишон дода, квалиметрияро ба ҳайси самти муҳимми арзёбии таҳқиқоти педагогӣ ва илмсанҷӣ ба таври дастрас муаррифӣ намояд. Илова бар ин, бо такя ба методология ва масъалаҳои мубрам ва муҷтамеи илмию назарӣ оид ба арзёбии сифати объектҳои табиати гуногундошта, яъне квалиметрия ва квалитология (сифатшиносӣ) ва дар асоси ду намунаи пешниҳодшуда, ки муаллифонашон Черепанов В.С., Булатова Е.Г. ва Баришников Н.В. мебошанд, муаллифи рисола як намунаи нави таҳлили квалиметрии омехтаи таҳқиқоти диссертатсиониро таҳия намудааст, ки қобили дастгирист.

Дар бобҳои дуюм ва сеюми диссертатсия, яъне «Квалиметрияи таҳқиқоти педагогии ниҳодҳои илмӣ-таҳқиқотии Тоҷикистон» ва «Квалиметрияи таҳқиқоти педагогии диссертасионӣ дар даврони истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» довталаб як таҳлили маҷмуӣ дар асоси таҳқиқоти навъҳои гуногуни педагогӣ гузаронида, хулосаҳои асоснок барои арзёбии онҳо ва ислоҳи норасоиҳои мавҷуда пешниҳод сохтааст.

Бояд таъкид намуд, ки вазифаи ҳама гуна таҳқиқот на танҳо аз таҳлили вазъ иборат аст, балки нишон додани роҳҳои рушди объекти

таҳлилшуда дар оянда муҳимтар аз он маҳсуб мешавад. Маҳз бо ҳамин сабаб муаллифи рисола боби чоруми диссертатсияро «Дурнамои рушди таҳқиқоти педагогӣ дар Тоҷикистони соҳибистиқлол» номгузорӣ карда, дар он ташаккули низоми миллии тарбияи кадрҳои илмиро ҳамчун марҳалаи сифатан нави рушди илмҳои педагогӣ, самтҳои афзалиятноки рушди таҳқиқоти педагогӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва тавсеаи ҳамкориҳои байналмилалиро ҳамчун омили рушди илмҳои педагогӣ дар кишвари соҳибистиқлоли мо ба таври амиқ мавриди баррасӣ ва таҳлили илмӣ қарор додааст. Дар натиҷаи ин довталаб одилона ба хулоса омадааст, ки ташаббусҳо барои гузаронидани чорабиниҳои илмӣ оид ба проблемаҳои муҳимтарини илмҳои педагогӣ дар ҷумҳурӣ ҳамаҷониба дастгирӣ карда мешаванд, зеро дар натиҷаи онҳо имконияти олимону мутахассисони тоҷик дар раванди таҳқиқоти муштарак, истифодаи таҷҳизоти муосири озмоишиву таҷрибавии марказҳои илмии хориҷӣ васеъ гардида, барои муаррифии дастовардҳои илми тоҷик дар арсаи ҷаҳон, воридшавӣ ва таҳкими ҷойгоҳи он дар фазои байналмилалии илмӣ шароитҳои мусоид фароҳам меоянд.

Аз баррасии автореферат бармеояд, ки дар қисмати хулосавии диссертатсия ақидаҳои илман асонок оид ба баррасӣ намудани проблемаҳои муҳимтарин ва барои ҷомеаи муосир судманд дар доираи илмҳои педагогӣ ва андозагирию арзёбии воқеии дастовардҳои илмии ин соҳа ҳамчун самти муҳимми таҳқиқоти илмӣ баён гардида, тавсияҳои довталаб оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот манзур гардидаанд, ки аҳаммияти назарраси амалию назариявӣ доранд.

Ба ҳамин тариқ, дар асоси автореферати диссертатсия метавон хулоса намуд, ки масъалаҳои дар рисола мавриди таҳқиқ қароргирифта, мубрамияти мавзуи таҳқиқотро нишон дода, он бо тарзи нави баррась ва ҳалли мушкилоти баррасишаванда як навгоние дар илмҳои ватании педагогӣ мебошад.

Таҳқиқот кори анҷомёфтаи тахассусӣ дар соҳаи педагогика буда, дар он норасоиҳои принсипиалӣ ба мушоҳида намерасанд, аммо чунин пешниҳодҳоро дар асоси таҳлили автореферати он ҷоиз мешуморем:

1. Дар қатори таҳқиқоти муҳаққиқони тоҷик ва кишварҳои собиқи шуравӣ ҷалб сохтани адабиёт аз мутахассисони кишварҳои ғарбӣ доир ба мавзуъ метвонист, ки сатҳи таҳқиқоти анҷомдодашударо ба талаботи байналмилалӣ наздиктар созад.

2. Мавҷудияти баъзе хатогиҳои техникӣ ва услубию имлоӣ дар матни автореферат таҳлили онро каме мушкил мегардонанд (саҳ. 17, 19 ва ғайра).

Ин ва дигар камбудиҳои ҷойдошта ҷузъӣ буда, ба сифати умумии диссертатсия таъсир намерасонанд. Аз ин рӯ, дар асоси автореферат метавон хулоса намуд, ки диссертатсияи Раҷабзода Маҳмадулло дар мавзуи «Таҳқиқоти педагогӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳлили квалиметрии вазъ, мушкилот ва дурнамои рушд», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот пешниҳод шудааст, ба тамоми талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба диссертатсияҳои докторӣ ҷавобгӯ буда, муаллифи он барои гирифтани дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ сазовор мебошад.

**Муқарриз:**
Д.и.п., профессори кафедраи фанҳои ҷомеашиносӣ ва гуманитарии Консерваторияи миллии Тоҷикистон ба номи Т.Сатторов Латифзода Диловар Назришоҳ

Имзои Д. Н.Латифзодаро тасдиқ мекунам,

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси Консерваторияи миллии Тоҷикистон ба номи Т.Сатторов Тошов М.А.

РАЁСАТИ КАДРҲО

**Суроға:**
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе,
Консерваторияи миллии
Тоҷикистон ба ном Т.Сатторов

кӯчаи Ҳусейнзода 55.
Тел.: (+992 907-07-02-44)
E-mail: dilovarl @mail.ru

«14» апрели соли 2025